**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат, ки фарогири хулосаи диссертатсия аст, ба яке аз масоили таҳқиқталаб бахшида шудааст. Бояд ишора кард, ки омӯзишу баррасии ҳаёти адабӣ ва махсусан шеъри ҳар давра барои як илмҷӯ лаззатбахш аст ва дар баробари ин, масъулияти бузургеро ба дӯши муҳаққиқ мегузорад. Албатта, шеъри ҳар давра вобаста ба авзои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабӣ аз вижагиҳои хосси худ бархӯрдор аст. Зуҳури заминаҳои мухталиф дар шеър, сабаб мешавад, ки муҳаққиқон даст ба омӯзиши амиқу дақиқи онҳо бипардозанд. Баррасии ин гуна мавзуот барои як муҳаққиқи ҷавону навкор, аз як тараф кори заҳматталаб бошад, аз тарафи дигар даричаеро барои муҳаққиқ боз мекунад, ки дар рушди минбаъдаи таҳқиқоти ӯ нақши калидиро мебозад.

Мавзуъ аз зумраи масоили пажуҳишиест, ки ба самти интихобнамуда ва шиносномаи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Аз ҷумла аҳаммияти мавзуи диссертатсия дар инкишофу вусъати таҳқиқоти илмӣ дар пайванд бо шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ, татаббуъ дар шеъри шоирони давраи мазкур ва ҳамзамон шинохту маърифати масири эҷодии шоирони давраи мавриди назар бисёр муҳимму арзишманд аст, зеро нақши шоирон дар бунёду такомули шеъри ҳар давра, эҷоду густариши доираи мавзуи татаббуъ дар шеър чашмгир аст. Маводе, ки зимни таҳқиқу омӯзиш ба даст омада, имкон медиҳад, ҷанбаҳои назарии масоили марбут ба татаббуъро таҳким бахшад, чаҳорчӯби таҳқиқ ва шеваҳои баррасии татаббуъ ва таҳаввули онро дар адабиётшиносии тоҷик дар оянда мукаммал гардонад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии муосири тоҷик бахши ин навъи ашъор мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифтааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои умумии адабиёти классики форсии тоҷикӣ, масоили

марбут ба татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри давраи мавриди назар, ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Ҳар боби диссертатсия аз муқаддимаи назарӣ ибтидо гирифта, диссертант ба ин восита аз рӯи ҳар боб- мавзуи таҳқиқро, мавриди таҳлилу баррасии қарор дода, бо ин усул заминаи диссертатсияи хешро муқаррар месозад. Муҳаққиқ аз як равиши ба худ хос ба ин мавзуъ назар афканда ва ба жарфои мавзуи мавриди баҳс фурӯ рафта, онро мӯшикофонаву борикбинона ба риштаи пажуҳиш кашидааст. Диссертант дар диссертатсия комёб шудааст, ки сурати умумии мавзуи мавриди баҳсро дар автореферат бо ҳама вижагиҳо мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор диҳад.

Диссертатсияи анҷомшуда аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима перомуни мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, асосҳоии назарии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ навгонии илмии таҳқиқ ва ғайра ба гунаи бисёр дақиқ оварда шудааст.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро комилан бозгӯ карда, мақолаҳои таълифкардаи диссертант ба мазмуну моҳияти диссертатсия созгор аст.

Аннотатсияи мухтасари кори диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия тибқи талаботи ҷорӣи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро, ки ба таври фишурда инъикос мекунад, оварда шудааст.

Дар баробари комёбиҳои зиёд дар автореферати диссертатсия баъзе камиҳо ё норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки муҳимтарини онҳо иборатанд аз:

1. Дар навиштани номи бархе аз шоирону адибон ва вожагону истилоҳот баъзан духурагӣ ба чашм мерасад, шояд бархеи онҳо дуруст бошанд, лекин яксон омадани онҳо дар автореферати диссертатсия ва худи диссертатсия ба манфиати кор аст; масалан: Рашидаддин, Рашиддадин, Рашид; Сайид Ҳасан, Саид Ҳасан; татаббуот, татаббуъот, татабуот;
2. Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад, аз ҷумла дар саҳифаҳои 9, 13, 17, 22, 24, 27.

Новобаста ба камбудиҳои ҷузъӣ автореферат мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро бозгӯ карда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва унвонҷӯ Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) комилан сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои филологӣ,
мудири шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони
Институти илмҳои гуманитарии
ба номи академик Б. Искандарови АМИТ Қурбонхонова Н.М.
03.02.2026

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хоруғ, кӯчаи Охонҷонов 35,
Тел.:(+992) 934-60-90-93
E-mail: ms.nurijakhon@mail.ru

Имзои Қурбонхонова Нуриҷаҳон Мирасановнаро
тасдиқ мекунам: сардори шуъбаи кадрҳои ИИГ
ба номи академик Б. Искандаров Садоншоев Т.М.

Суроғаи муассиса:
736000, шаҳри Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров 4,
Тел.: (+992 ) 50-104-80 - 85
E-mail: sadonshoev82@mail.ru

03.02.2026